Ба бутҳо (маъбудони ботил) ва падаронатон савганд ёд накунед

Аз Абдурраҳмон ибни Самура (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ба бутҳо (маъбудони ботил) ва падаронатон савганд ёд накунед."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз савганд ёд кардан ба тоғутҳо наҳйи кардаанд. "Тавоғит" ҷамъи "тоғут" аст ва он бутҳое буданд, ки мушрикон онҳоро ба ҷои Аллоҳ Таъоло ибодат мекарданд, ки сабаби куфру туғёни онон шуда буданд. Ҳамчунин Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз савганд ёд кардан ба падарон низ наҳй карданд. Чунки дар замони ҷоҳилият арабҳо ба падаронашон савганд ёд мекарданд ва бо ин роҳ ифтихор карда, онҳоро бузург медоштанд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/8959